АЗ СУХАН ПУХТА ШАВАД ХОМИ ҲАМА!

# ДАРМОНБАХШ

E-mail: darmonbakhsh2017@mail.ru Нашрияи Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз

№ 3 (33) 14 апрели соли 2021, чоршанбе (Оғози нашр: соли 2017)

# ПАЁМИ ШОДБОШИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ ФАРОРАСИИ МОҲИ ШАРИФИ РАМАЗОН

**Ҳамватанони азиз!**

Фардо моҳи шарифи Рамазон фаро мерасад.

Ба ин муносибат кулли сокинони кишварро табрик гуфта, ба ҳамаи онҳо нури имону маърифат, хайру баракат ва тамоми хушиҳои зиндагиро орзу менамоям.

Моҳи шарифи Рамазон дар баробари рӯзадорӣ моҳи озодагии рӯҳ ва имондориву тақво ба шумор рафта, вуҷуди инсонро аз ҳусни адабу маърифат ороста мегардонад.

Дар ин моҳ мусулмони комил фурӯтаниву шикастанафсиро пеша карда, ҳашму ғазабро аз худ дур месозад ва қалбашро ба макони меҳру муҳаббат табдил дода, бештар ба амали хайру савоб даст мезанад ва ба наздикону пайвандон, ҳамсояҳову дармондагон кумак расонида, мушкили онҳоро осон мегардонад.

Тоҷикон ин фаризаҳои дини мубини исломро то ба имрӯз идома дода, бо парҳезгорӣ, тоату ибодат, хайру саховат, некиву накӯкорӣ, эҳтироми падару модар ва хешовандону калонсолон шуҳрат пайдо кардаанд.

Мо фаризаҳои ин моҳи муборакро имсол дар айёми омодагӣ ба ҷашни бузурги миллӣ, яъне 30-солагии истиқлоли давлатӣ амалӣ месозем.

Ин рӯйдоди таърихӣ, яъне истиқлолу озодӣ барои ҳар як шаҳрванди кишвар мояи ифтихору саодат ба шумор меравад, зеро он чароғи зиёбахши роҳи имрӯзу ояндаи мардуми мо мебошад.

Ба шарофати соҳибистиқлолӣ мо дар ҷодаи бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ бо қадамҳои устувор пеш меравем ва бовар дорем, ки бо азму талоши содиқонаи мардуми шарифи кишвар раванди ободкориву созандагиро вусъати бештар бахшида, дар ояндаи наздиктарин Ватани маҳбубамонро ба як мулки зебову пешрафта мубаддал мегардонем.

Воқеан, аз дидгоҳи дини мубини ислом муҳаббат ба халқу Ватан аз гӯшаи имон аст ва ҳифз кардану обод намудани он қарзи муқаддас ва вазифаи имонӣ ба шумор меравад.

Ҳамчунин, яке аз фазилатҳои дини мубини ислом покиву тозагӣ мебошад.

Дар моҳи шарифи Рамазон ҳар як шахс бояд барои покии ҷисму рӯҳ, ба хотири тозаву озода нигоҳ доштани хонаву кошона ва маҳалли зисти худ саъю кӯшиш намояд. Зеро ободонии кӯчаву маҳалли зист аз замонҳои қадим хислати мардуми заҳматдӯст ва озодаву озодипарасти мо мебошад.



Бахусус, имрӯзҳо, ки фасли баҳор аст, мо бояд аз ҳарвақта бештар кор кунем, рӯзии худ ва аҳли хонаводамонро бо заҳмати ҳалол муҳайё намоем ва дар ҳифзи амнияти озуқавории кишвар саҳми муносиб гузорем.

Дар асоси таъкиди уламои шариат ва фақеҳони дини мубини ислом шахсоне, ки дар шароити душвор кору фаъолият мекунанд, касбашон ба таъмини маводи озуқа вобаста аст ё дар соҳаҳои саноату истеҳсолоти вазнин машғул мебошанд, рӯзадорӣ барои онҳо боиси душворӣву машаққат мегардад.

Аз ин лиҳоз, хӯрдани рӯза барояшон иҷозат дода шудааст ва онҳо метавонанд дар вақти мусоиди дигар рӯзаи худро адо намоянд.

Саломатӣ сарвати бебаҳо ва умр неъмати бузургтарин барои ҳар як инсон мебошад ва ҳар як фарди солимфикр бояд ба қадри онҳо расад.

Соли 2021 бо тамоми аломатҳояш ва тибқи таҳлилу пешгӯиҳои коршиносон аз солҳои гузашта фарқи куллӣ дорад.

Бар асари тағйирёбии иқлим, камобиву хушксолӣ, бемориҳои гуногуни сироятӣ, аз ҷумла Ковид – 19 вазъи таъминоти аҳолии сайёра бо маводи ғизоӣ рӯз ба рӯз мураккабу печида гардида истодааст.

Дар натиҷаи болоравии нархҳо ва камчинии озуқаворӣ, аллакай аҳолии 20 кишвари дунё дар ҳолати гуруснагӣ ва фақру қашшоқӣ қарор дорад.

Дар чунин шароит мо бояд тамоми саъю талош ва захираву имкониятҳоро барои ҳарчи бештар истеҳсол кардани маҳсулот ва захираи он сафарбар созем.

Хусусан, ки Рамазони имсола ба мавсими авҷи киштукор ва гузоштани замина барои ҳосил рост омадааст, мо бояд, пеш аз ҳама, дар фикри истеҳсоли маҳсулот, таъминоти аҳли оилаи худ ва захираи маводи ғизоӣ бошем ва мушкилоти дар дунё бавуҷудомадаро ҳазл нашуморем.

Ҳамчунин, фаромӯш набояд кард, ки моҳи шарифи Рамазон моҳи эҳсону накӯкорӣ ва хайроту садақот мебошад. Яъне шахсоне, ки имкони молиявии мусоид доранд, метавонанд ба хотири соҳиби савоб гардидан, алалхусус, дар моҳи Рамазон ба ятимону маъюбон ва оилаҳои камбизоату ниёзмандон дасти хайру саховат дароз кунанд.

Ҳадяву подоши ҳар як инсон аз ҳиммати ӯ вобаста мебошад, зеро ҳиммати баланд доштану ба ниёзмандон дасти сахо дароз намудан, тибқи таълимоти ислом, ҳатман мавриди эҳсони Худованди бахшоянда қарор мегирад.

Бо қаноатмандӣ изҳор медорам, ки кумаку дастгирии ятимону маъюбон солҳои охир дар кишвари мо ба ҳукми анъанаи нек даромадааст.

Мувофиқи фармудаи дини ислом луқмаи ҳалол сабаби нозил гаштани баракати Худованд ба рӯзгор ва хонадон мегардад.

Бахусус, сарватмандону тоҷирон агар дар роҳи савоб кӯшиш намуда, дари хайру саховатро боз кунанд ва молу маҳсулоти худро бо нархи арзонтар ва бо риояи меъёрҳои инсофу инсондӯстӣ ба фурӯш гузоранд, ба ивази ин амали нек сазовори аҷри азим аз тарафи Худованд хоҳанд шуд.

Дар акси ҳол, ба хотири фоидаи бештар гирифтан арзиши молро баланд бардоштан, махсусан, дар моҳи шарифи Рамазон гуноҳест, ки дар дини мубини ислом маҳкум карда мешавад.

Дар ин маврид Паёмбари ислом фармудааст: «Агар касе дар нархгузории ризқу рӯзии мусулмонон дахолате намояд, ки сабаби боло рафтани қимати онҳо шавад, Худованд ҳатман фардо рӯзи қиёмат ӯро дар оташи ҷаҳаннам қарор хоҳад дод».

Дигар зуҳуроте, ки амали носавоб шуморида мешавад, исрофкорӣ ва зоҳирпарастӣ мебошад.

Чордаҳ сол қабл мо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул кардем, ки самараву натиҷаҳои мусбати онро имрӯз ҳар як сокини мамлакат дар рӯзгори оилаи худ возеҳ дида истодааст.

Зарур аст, ки мардуми кишвар минбаъд низ ҳангоми баргузории маросиму маъракаҳо талаботи қонуни миллиро, ки фақат ба манфиати онҳо нигаронида шудааст, қатъӣ риоя намоянд.

Ба ҷойи баргузории маъракаҳои зоҳирпарастонаву намоишкорона ва пурдабдабаву серхароҷот мо бояд ба фароҳам овардани шароити хуби зиндагӣ барои оила ва фарзандони худ, амалҳои хайру эҳсонкорӣ, ободии маҳалли зист, бунёди муассисаҳои гуногуни иҷтимоӣ ва ободонии диёр иқдом намуда, саҳми шоистаи худро ба истиқболи ҷашни бузурги миллиамон – 30-солагии истиқлолу озодии Ватани маҳбубамон гузорем.

Бовар дорам, ки мардуми ҳимматбаланди мо бо баробари риояи рукнҳои моҳи муборак корҳои хайру савобро боз ҳам густариш бахшида, саҳми худро дар ободии Ватан, пешрафти давлат, оромии ҷомеа, таҳкими сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ мегузоранд.

Бори дигар фарорасии моҳи шарифи Рамазонро ба тамоми мардуми кишвар табрик гуфта, аз даргоҳи Худованди мутаол ба ҳар хонавода саломатӣ, хушҳоливу хушрӯзӣ, ризқу рӯзии фаровон ва иқболи нек орзу менамоям.

**Ҳамеша саломату сарфароз бошед, ҳамватанони азиз!**

## 7- АПРЕЛ РӮЗИ УМУМИҶАҲОНИИ ТАНДУРУСТӢ

# САЛОМАТӢ БОШАД - ҲАМА КОРҲО МЕШАВАНД

**Рӯзи умумиҷаҳонии тандурустӣ дар нимаи аввали моҳи апрел гузаронида мешавад. Ин ҳодиса ба муносибати рӯзи қабули оинномаи СҶТ, ки соли 1948 амалӣ шуда буд дуруст меояд. Чорабиниҳои ба рӯзи умумиҷаҳонии тандурустӣ бахшидашуда ба мақом, инчунин ба комёбиҳои сатҳи олии саломатӣ равона карда шудаанд.**

**Саёҳат БОБОЕВА,**
**донишҷӯи курси 1, кори момоии КТК**



СҶТ дар асоси принсипҳое сохта шудааст, ки мувофиқи он ҳамаи одамон бояд имконият барои амали намудани ҳуқуқҳои худ ба комёбиҳои сатҳи олии саломатӣ саҳм дошта бошанд. Барои мисол, мавзӯи бахшида ба рӯзи СҶТ соли 2019 ин – дар бар гирифтани хизматрасонии умумитиббӣ: барои ҳама дар ҳама ҷо, ва шиори «Саломатӣ барои ҳама» буд.

Комёбиҳои дар бар гирифтани хизматрасонии умумитиббӣ, дастрасии табобат, якe аз вазифаҳои калидии мавзӯи даъвати рӯз дар самти инкишофи устуворӣ дар давраи то соли 2030 ба ҳисоб меравад. Маргу вазнинии беморихо, интизориҳои давомнокии ҳаёт ва мустаҳкамкунии бехатарии саломатии мо, махсусан барои фаҳмидани ҳолати тандурустии ҷамъиятӣ муҳим аст, азбаски куллан дар дунё қариб 20% ҳама ҳолатҳои марг ба кӯдакони синни то 5 сола рост меояд.

Дар шуури ҷамъиятии мо як андешаи оддӣ мавҷуд аст, мустақиман бо масъалаи саломатӣ ва мушкилоти нарасидани он алоқамандӣ дорад. «Саломатӣ бошад – боқӣ ҳама корҳо мешаванд» - ҳамин тавр садо медиҳад ин мушоҳидаи бисёрасра. Дар ҳақиқат будан ва набудан дар инсон ин қиматтарин ҳолат тарзи маҳали ҳаррӯзаи зиндагӣ, муҳити ичтимоӣ ва ҷамъиятии ӯро муаян мекунад.

**Нодира ХОЛОВА,**
**донишҷӯи курси 2, кори ҳамширагии КТК**



Саломатӣ – ин боигарии ҳақиқӣ аст, ки мо ҳамроҳи шумо гоҳ-гоҳ ба он аҳмият намедиҳем. Одамони солим аҳёнан дар андешаи он меравaнд, ки чӣ тавр дуруст ва боандеша хӯрока ва фаъолияти ҳаётӣ ва зиндагии худро бисозанд, то ки саломатии онҳо мустаҳкам ва умедвор, перспективӣ давомдор бимонад. Аммо дар зимни он саломатиро хеле осон аз даст додан – бипурсед аз дилхоҳ табиб. Одамони аз ину он бемории азобкашанда махсусан беморихои кӯхнашуда, дар таҷрибаи ҳаррӯза бо мушкилиҳои омавӣ рӯ ба рӯ мешаванд , ки онҳоро аз зиндагии солим ва комил ба тарафи дигар мекашад.

Оинномаи СҶТ 7 апрели соли 1948 қабул гардид, ҳамон вакт дар сессияи якӯми асамблеяи умумиҷаҳонии тандурустӣ идеяи гузаронидани ин рӯзи ид пайдо шуд. То соли 1950 ин ид рӯзи 22 июл ҷашн гирифта мешуд, дар рӯзе, ки вакте, андозаи тасдиқшавии оинномаи СҶТ гузашт, баъдан рӯзи ҷашнгирӣ ба ин рӯз мустаҳкам шуд.

Анъанаи идкунии рӯзи умумиҷаҳонии тандурустӣ ҷудонашаванда алоқаманди дорад бо фаъолияти ҳамаи системаи тадурустии мо, пешгирикунии беморихои вазнин. Кормандони муолиҷахона, беморхона ва госпиталхо, нафароне, ки ба ҳар ҳол аз рӯи қарзи пеша ба хизмат кӯмаки тиббӣ санитариро ба нафаре, ки ба он эхтиёҷ дорад ба ҳама мерасонанд,чӣ тавр қимматии саломатӣ ва масъалаи эмгузорониро беҳтар мефаҳманд.

**Тахминаи ҚУВВАТАЛӢ,**
**донишҷӯи курси 2, кори ҳамширагии КТК**



Пешгирикунандаи беморӣ ва диққат ба саломатии шахсии мо мақсади асосии чорабиниҳое, ки табибон дар ин рӯз мегузаронанд ҳисоб мешаванд. Маълумотҳои бешумори информатсионӣ, варақаҳо ва буклетҳо, семинарҳо, баромадҳои мутахассисон ва ҳатто консертҳо, ки бахшида ба ин рӯз омода шудаанд, дар шакли оддӣ ва дастрас ба мо муҳимияти ин ташаббуси позитивиро шарҳ медиҳанд.

Саломатӣ метавонад хеле арзиши қиммат дошта бошад. Ва ин асосан ба кӯшиши баргардондани он ба ҷои худ аст. Дар рӯзи умумиҷаҳонии саломатӣ мо ба ҳама муҳофизати этиборноки саломатиро таманно мекунем. Ба ҳама беморон зуд сиҳатшавӣ. Ба табибон базаи хуби моддӣ ва техникӣ. Ба ҳамагон – солимӣ ва ҳаёти хурсандона. Ҳар як сол ягон мавзӯе дар рӯзи умумиҷаҳонии тандурустӣ интихоб мегардад, ки яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти СҶТ-ро равшан мекунад бахшида мешавад.

Дар рӯзи умумиҷаҳонии тандурустӣ имконияти ҷалби диққати одамон дар тамоми дунё ба мушкилоти асосии тандурустии ҷамъиятӣ, дар пеши ҷомеаи байналмилалӣ истодаро пешниҳод мекунад. Дар ин рӯз барномаҳои дарозмуддати маърифати санитарӣ, ки дар муддати дароз идома меёбанд баъди рӯзи 7 апрел омодашавиашон сар мешавад.

**Роҳила ШАРИПОВА,**
**донишҷӯи курси 2, кори ҳамширагии КТК**

Яке аз мавзӯҳои муҳими тамоюли иҷтимоии асри 21 – ин пиршавии аҳолӣ мебошад, ва шумораи одамони аз 65 сола калон аз шумораи кӯдакон зиёд мешаванд. Мушкилоти пиршавӣ ва саломатӣ мавзӯи рӯзи умумиҷаҳонии тандурустии соли 2012 буд, ки 7 апрели он сол қайд карда шуд. Дар ин рӯз СҶТ ба мустаҳкамкунии саломатӣ дар давоми тамоми умр даъват мекунад барои муҳайё кардани шароит барои фаъолнокии пиршавӣ. Ин имконият медиҳад ба одамони калонсол то ҳаёти арзишманд пеш бубаранд ва аъзои муҳими оила ва ҷамъият бошанд.



Устуворӣ ба воситаҳои зиди микроби ва паҳншавии глобалии он дар зери хатар мегузоранд муҳофизати фоидаоварии бисёр воситаҳои доруғӣ, ки имрӯз барои табобати беморон истифода мешаванд, ҳамчунин, таваккал кардани муваффақиятхои зиёди ба дастоварда дар мубориза ба муқобили инфексияҳои асосии сабаби марг. Дар рӯзи умумиҷаҳонии тандурустии соли 2011 СҶТ компанияи умумиҷаҳонӣ оид ба муҳофизати дору барои насли оянда гузаронида буд.

**Ширинмоҳи АМРУЛЛО,**
**донишҷӯи курси 1, кори момоии КТК**



Ҳамаи боигарӣ, вазифа, рафикон, истироҳат тиҷорат ва дигар паҳлуҳои зиндагӣ ба саломатии инсон вобастагӣ доранд. Агар саломатӣ ҳаст мушкиле дар саломатӣ нест ҳамаи ин корҳо барои кас мушкиле надоранд ва роҳат паи он ҳастӣ. Агар саломатӣ нест ҳамаи чизҳои дар боло номбар карда барои кас ҳеҷ ҳастанд. Шароит, сарват, роҳат ҳамаи ин чизҳо барои инсон дар вақти тамоми аъзоҳои баданаш солим будан кайфият доранд. Вакте инсон саломатиаш хуб наст дар андешаи ин чизҳо ҳам нест ва ягон тои он ҳам дар фикраш намеоянд. Беҳуда нагуфтаанд аз ҳама боигарии беҳтарин барои инсон ин саломатӣ мебошад. Баъдан саломатии ҳар як нафар пеш аз ҳама дар дасти худи ӯ мебошад. Инсон худаш саломатии худашро муҳофизат мекунад ва дар андешаи саломатиаш бояд доимо бошад. Барои мисол, агар дар вақти ҳаракат шахс худашро аз сари роҳи мошин бероҳа накунад метавонад ба садамаи нақлиётӣ рӯ ба рӯ шавад ва ба ягон фалокат биафтад ва маҷбур ҳаст паи табобат шавад, ва ё як умрӣ маҷрӯҳ бимонад.

**Саидшоҳи САФАРХОН,**
**омӯзгори фанни фармакологияи КТК**

Беҳтарин табобат ин пешгирии беморӣ аст. Ин беҳтарин суханест ки солҳо боз гуфта шудааст боз солҳо боз гуфта мешавад. Маҳз корҳои пешгирӣ гузаронидани чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ ва эмгузаронӣ. Бахусус гузаронидани рӯзи умумиҷаҳонии тандурустӣ низ ва рӯзи муҳофизати одамон аз бемории сил, беморони қанд ва дигару дигар ҳамаи ин чорабиниҳо асосан ба ҳамин мақсад, яъне пешгирии одаман аз беморӣ мебошад. Агар мо ҳар як нафари солимақлу соҳибмаърифат саломатии худу аҳли оилаи худро аз беморихо эхтиёт намоем ин ба фоидаи ҳам худи мо, оилаи мо ва ҳам ҷомеаву кишвар мешавад. Агар накардем боз паи табобат, харочоти маблағ мешавем, агар бемории сироятии вазнин ва шакли мутобиқгашта бошад солхо боз он кӯҳна шуда, боз аз он халос шудан заҳмати зиёдро талаб мекунад. Барои ҳамин заррае ҳам бошад ҳар як нафари мо бояд дар андешаи саломатии худ бошем. Ва дигаронро низ барои солимӣ даъват намоем. Зеро ҷомеаи солим, кишвари солим мегӯянд, ки ин суханон дурустанд ва бепоя гуфта нашудаанд.



**Мирзомудин ҒАФФОРОВ,**
**омӯзгори фанни химияи КТК**



Дар зиндагӣ, дар кор ҳама паҳлуҳои ҳаёт нақши асосиро саломатӣ иҷро карда меояд. Барои ҳамин пеш аз ҳама кӯдак аз рӯзи таваллудаш мувофиқи нақша дар вақту рӯзу моҳу соли муаян ба муқобили чанд беморӣ эмгузаронӣ карда мешавад. Ҳамчунин, кӯдак баробари ба синни 7 солагӣ, яъне синни мактабхонӣ расидан ҳатман аз ташхиси тиббӣ бояд гузаронида шуда, гувохномаи тиббӣ гирифта, баъдан ба мактаб ба синфи якӯм қабул карда шавад. Ин кор то як ду сол бештари ҳолатҳо амалӣ намешуд. Солҳои охир гирифтани гувоҳномаи тиббӣ амалӣ мегардад, вале мушкил он аст, ки гувоҳнома мувофиқи қарори 600 дода мешавад. Вокеан кӯдакон на ҳамаашон аз ташхиси тиббӣ гузашта, маблағи гувоҳнома супорида шуда, гувоҳнома ба номи кӯдак ба волидайни кӯдак дода мешавад. Мақсади гирифтани гувоҳномаи тиббӣ солимии ҷомеа буда, кӯдак бояд аз чор табиб аз ташхиси тиббӣ гузарад. Рафту агар кӯдак камбудие дар саломатиаш бошад ба табобат фаро гирифта шуда, табабат карда мешавад. Агар не гувоҳнома бе мушкилӣ ба он кӯдак дода мешавад. Ҳамчунин, гувоҳномаи тиббӣ ба донишҷӯёни ба донишгоҳу коллеҷхо дохилшуда низ дода мешавад, ки бе муаррифӣ ва пешниҳоди гувоҳномаи тиббӣ он кас ба коллеҷ ва ё донишгоҳ ҳуҷҷатҳояш қабул карда намешаванд. Ҳатман нафарони ба идораҳои давлатӣ ба кор қабул мешуда низ аз ташхиси тиббӣ гузашта гувоҳномаи тиббиро соҳиб гашта ба ҷои кори қабул мешуда ҳамроҳи ҳуҷҷатҳояш месупоранд. Гирифтани гувоҳномаи тиббӣ ин гурӯҳ одамон низ маблағаш, ки мувофиқи қарори 600 ҳукумат мебошад супорида шуда, ба гувоҳномаи тиббии шахси аз ташхис мегузашта солим гуфта, духтурони мутахассис имзоҳояшон гузошта мешавад.

«Дармонбахш»

ДАРМОНБАХШ
АЗ СУХАН ПУХТА ШАВАД ХОМИ ҲАМ

МУАССИС:
МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «КОЛЛЕҶИ ТИББИИ ШАҲРИ КӮЛОБ» БА НОМИ РАҲМОНЗОДА РАҲМАТУЛЛО АЗИЗ

САРМУҲАРРИР
Билоли ШАМС

МУШОВИРОН:
Азиззода Зубайдулло Абдулло, номзади илмҳои тиб, директори МДТ "Коллеҷи тиббии ш.Кӯлоб" ба номи Раҳмонзода Р.А.
Назарзода Ҷумахон Шамс, мушовири директори МДТ "Коллеҷи тиббии ш.Кӯлоб" ба номи Раҳмонзода Р.А.
Фаридун Сафаров, номзади илмҳои тиб;
Ниёзмад Шомадов, номзади илмҳои тиб;
Абдусамадзода Бахтулло, ҷонишини директор оид ба таълими Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 230/РЗ-97 аз 04. 12. 2020 ба қайд гирифта шудааст.

РӮЗНОМА БО ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ

ТЕЛЕФОН:
Идора: (918) 81 – 17 – 92

Рӯзнома дар ҶДММ «Мега-принт» бо теъдоди 3000 нусха чоп карда шуд.

Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

НИШОНИИ МО:
735360, ш.Кӯлоб, кӯчаи А.Абдураҳмонов, 7
E-mail:
darmonbakhsh2017@mail.ru

# БЕМОРИИ СИЛ ТАБОБАТШАВАНДА АСТ



Татбиқи нақшаи миллии стратегӣ оид ба ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020 дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб қонеъкунанда арзёбӣ мегардад. Бинобар омори расмӣ дар соли 2020 нисбат ба соли 2019 шумораи гирифторони бемории сил дар минтақа 202 нафар,аз ҷумла беморони бори аввал муроҷиат намуда 190 нафар коҳиш ёфтааст. Аз шумораи умумии беморони сил 21-нафар бо ташхиси ВНМО/СИЛ ба қайд гирифта шудаанд.

Дарёфти бемориҳои хуруҷи сил дар соли- 2020 нисбат ба як соли пеш 12 нафар ё худ 6,7% коҳиш ёфта бошад ҳам аммо ба далели зиёд будани нишондоди беморони такрорӣ ба қайд гирифташуда, ваъзи эпидемиологии бемории сил дар минтақа мураккаб боқӣ мемонад. Тибқи меъёрҳои баҳогузорӣ нишондоди беморони такрорӣ бояд аз 5% зиёд набошад, вале дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб ин нишондод 14,5%-ро ташкил мекунад. Нишондоди беморони такрорӣ дар ноҳияи Ш.Шоҳин 25%, дар ноҳияи Восеъ 14,0%, дар ноҳияи Фархор 11,0%, ва дар ноҳияи Кӯлоб 20,4%, шаҳри Кӯлоб 16,5%, ноҳияи Мӯъминобод 20,5%-ро ташкил медиҳад. Ин рақамҳо бозгӯи онанд, ки дар ноҳияҳои мазкур дар давраи табобати кумакрасон хуб назорат бурда нашудааст, ки ин ҳолатҳо боиси ба шакли мутобиқгаштаи сил гирифтор шудани беморон мегардад.

Ҳамчунин дар ин давра, 162 нафар кам шудани омори дарёфти сили шушҳо ва коҳиш ёфтани нишондоди дарёфти сили шушҳо бо хориҷкунии микробактерияи сил дар соли 2020 аз он шаҳодат медиҳад, ки дар соли сипаригардида ҳамкориҳо миёни муассисаҳои КАТС ва Марказҳои зидди сили бехтар ба роҳ монда шудааст.

– Дар давраи бемории COVID-19 дар ҳақиқат барои мо корамон бештар шуда буд. Табибони сироятшинос дар давраи авҷи бемории ковид – 19 рентгени ҳар як бемори хобондаашонро барои хулосаи мутахассисони моро гирифтан, ба мо мефиристоданд. Ва мутахассисони мо медиданд ва ба ҳар як рентгени фиристода хулосаи худро пешниҳод менамуданд. Як ҳолате буд, ки ҳама муроҷиат мекард. Хулосаи фиристодаи мо ки сил набудани бемор тасдиқ мешуд, баъд сироятшиносон бемории ковид будан ё набуданашро муаян мекарданд. Дар муқоисаи солҳои пеш дар ҳамон давраи оғози ковид мушкил буд, барои он ки аксарият ба мо муроҷиат мекарданд барои ба шуш алоқамандӣ доштан. Дар ҳақиқат кори мо дар ҳамон давра мушкил буд. Бемории сил баҳору тирамоҳ зиёд мешавад ва дар фасли зимистон ва тобистон ин авҷгирӣ кам мегардад. Оид ба сину соли табибон дар мо 50 фоиз табибонро ҷавонон ташкил мекунанд. Ҳамчунин вакансияи ҷои холии корӣ 5 нафар табибони силшинос намерасанд. Ҷои холӣ дорем, дилхоҳ табиби силшинос ба кор ояд қабулаш мекунем. Беморхонаи вилоятии сил, яъне аз мо барои 170 кат, баъдан байни ноҳиявӣ дар Восеъ барои 60 кат ва дар ноҳияи Ҳамадонӣ барои 20-30 кат ва дар ноҳияи Фархор низ барои 20-30 кат барои хобондану табобати беморон мебошанд. Бемории сил вобаста ба сатҳи иҷтимоии мардум вобастагӣ дорад, чӣ қадар паст будани сатҳи иҷтимоӣ ба зиёд шудани шумораи беморони сил низ сабаб шуда метавонад. - мегӯяд, Тоҳир Туманов, директор Маркази вилоятии ҳифзи аҳолӣ аз бемории сил №2 - шаҳри Кӯлоб,



Аз таҳлилҳо бармеояд, ки дар соли 2020 шумораи гирифторон миёни солмандон дар қиёс ба наврасону ҷавонон зиёд буда, 66%-и беморонро калонсолон ташкил медиҳанд.аз шумораи умумии гирифторони бемории сил дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб 56% мардҳо ташкил медиҳанд.

Бинобар гуфтаи Тохир Туманов яке аз ҳадафҳои асосии Барномаҳои марбут ба пешгирӣ аз бемории сил ин табобати пурраи беморони хориҷкунандаи микробактерияи сил то 85 дарсад мебошад, ки табибони ихтисосманд дар ин самт кушиши ба харҷ дода истодаанд. Шумораи фавтидагон аз бемории сил дар соли гузашта 34-нафарро ташкил мекунад, ки нишондод ба ҳар 100 хазор аҳолӣ 2,6 нафарро ташкил медиҳад. Дар баробари коҳиш ёфтани омори фавти беморони сил дар ин давра маргу мири кӯдакон аз асари бемории сил ба қайд гирифта нашудааст.

**С.ХАЛИЛИЁН,**
**аз шаҳри Кӯлоб**

# ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ ТАБОБАТИ ГИЁҲДАРМОНӢ

Фитотерапия ё табобат бо гиёҳҳои шифобахш илми аз ҳама қадимтарине, ки таҷрибаи ҳазорсолаҳоро дар худ таҷассум сохтаасту доимо такомул меёбад.Фармакотерапия ҳамчунин тамоми илми тиб, аз кушишҳое, ки инсон барои нигоҳдоштани ҳаёти худ, паст намудани азобҳои худ, паст намудани дард, роҳи истифодаи маводҳое, ки дар табиат моро иҳота мекунад пайдо шудааст. Одамони даври қадим тамоми маводҳои заруриро аз муҳити атроф гирифта кушиш мекарданд, ки бемориҳои худро бо гиёҳҳои маҳали худ, минералҳо ва маводҳои аз ҳайвонот гирифташуда табобат кунанд. Қисми зиёди гиёҳҳои шифобахш, ки дар тиббӣ ҳозира астифода мешаванд таърихи қадимаи худро доранд.

Инстинкти худнигоҳдорӣ, ки ба инсон таълуқ дорад, ба вай роҳҳои мубориза бо бемориҳоро нишон дод ва ин мубориза дар ҳамаи давраҳои зиндагии инсоният бурда мешуд. Санъат ва маҳорати табибӣ ҳамон вақт пайдо шуд, ки бо сиҳатшавӣ яке аз фавти дигаре одамон фарқи маводҳои зараровар ва фоиданокро омӯхтанд-гуфта буд олим ва табиби Рум Селтсия. Дар китоби Авесто қайд карда шудааст, ки маводҳои доруворӣ барои шахсони мансабдор ҳамон вақт таъинот карда мешуд, ки таъсири онҳоро дар одамони камбағал ва одамони ба ҳукми қатл маҳкумшуда месанҷиданд.

Гузаштагони мо меҳисобиданд, ки тамоми усулҳои табобати бемориҳоро ба чунин гурӯҳҳо чудо кардан мумкин аст.

**1. Реҷаъ ва парҳез.**
**2. Гипноз ва дуохонӣ.**
**3. Табобат бо гиёҳҳо-фитотерапия.**
**4. Табобат бо корд-ҷарроҳӣ.**
**5. Физиотерапия-табобат бо оташ.**

Диоскорид Педаний дар Осиёи хурд карибиҳои 78 сол то солшумориҳои мо зиндагӣ мекард. Вай якумин шуда китоби худро "оиди растаниҳои доругӣ", ки аз панҷ қисм иборат мебошад навиштааст. Диоскоридро падари фармакогнозия гуфтан мумкин аст. Клавдии Гален яке аз намояндагони бузурги тиб ва фарматсияи Рум ба ҳисоб меравад. Вай якумин шуда пешниҳод намудааст, ки дар растаниҳо ва ҳайвонот доругиҳо маводҳои фоиданок ёфта мешавад, ки онҳоро бояд истифода бурд (дар ҳозира маводҳои фаъоли биологӣ) ва маводҳои захрноки онҳоро бояд нобуд сохт. Гален якумин шуда аз ашёҳҳои табиат ҳосилкардани сибғаҳо (настойкаҳо), қиёмҳо, афшурдаҳоро ба роҳ монда буд.

Файласуфи бузург ва олими халқи тоҷик Абуалӣ Ибни Сино яке аз намояндагони фарматсияи асрҳои миёна ба шумор меравад. Аз панҷ китоби "Ал қонун фит тиб" дутои он дар бораи растаниҳои доругӣ бахшида шудааст. Дар давраи Ҳипократ оиди 200 номгӯй, Гален 400 номгӯй ва дар давраи А. Сино дар бораи зиёда аз 600 номгӯй маълумот дода шуда буд. Фитотерапия ва тиббӣ халқӣ ҳанӯз аз давраҳои ҷамъияти қадим сарчашма мегирад. Илм дар бораи хосиятҳои табобатии растаниҳои доругӣ аз авлод ба авлод, даҳонӣ дар давоми ҳаёти инсон мегузашт. Дар растаниҳо дар раванди фаъолияти ҳаётии онҳо маводҳое ҳосил мешаванд, ки ҳангоми ба бадани одам ва ҳайвонот дохил шудан таъсири фаъоли физиологӣ мерасонанд, хосиятҳои табобатии онҳо мушоҳида мешаванд. Хосиятҳои асосии растаниҳо аз он иборат мебошанд, ки аз маводҳои ғайриорганикии хок, об ва газӣ карбонати ҳаво, дар организми худ пайвастагиҳои лозимии органикиро ҳосил мекунанд.

Организми олами растаниҳо "озмоишгоҳи " ягонаи табиат ба шумор меравад, ки дар он раванди синтези пайвастагиҳои органикӣ дар зери таъсири энергияи калони офтобӣ ба амал меоянд. Аз маводҳои растанигӣ барои амалияи табобати чунин маводҳо нақши асосиро мебозанд: ангиштобҳо, гликозидҳо, гликозидҳои калбӣ, равғанҳои чарбӣ ва эфирӣ, витаминҳо, сафедаҳо, алколоидҳо, фитонсидҳо ва ғайра, ки онҳо маводҳои фаъоли физиологии растанигӣ ба шумор мераванд. Дар замони ҳозира растаниҳои доругиро васеъ истифода мебаранд. Растаниҳои доругиро нафақат дар соҳаи тиб ,балки дар соҳаҳои хӯрокворӣ, кондитерӣ ва парфюмерӣ низ васеъ истифода мебаранд. Маводҳои доругии аз растаниҳо тайёркардашуда кариб 50% номгӯи доруворигиҳоро ташкил мекунанд. Ҳангоми табобати як қатор бемориҳои вазнин маводҳои доругии растанигӣ нақши асосиро мебозанд. Масалан: дар байни маводҳои барои касалиҳои рагу калбӣ 77%, бемориҳои занона 80%, маводҳои балғамрон 73%, зидди гиҷҷавӣ 72%, барои бемориҳои ҷигар ва меъдаю рӯда 74% , касалиҳои пӯст кариб 80%-ро ташкил медиҳанд.

**Бобохон МАҶИДОВ -**
**мудири маркази таълимиистехсолии фарматсевтии МДТ "Коллеҷи тиббии ш.Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз "**

Бе маърифат одамӣ чӣ корояд? Ҳеҷ!
Мақсуд зи одамӣ ҳамин маърифат аст.
Ҳофизи Шеърозӣ



# ВОХӮРӢ БО ШОИРА ХОСИЯТ ВАЛИЗОДА

Санаи 7 апрел дар МДТ «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Р.А.» вохӯрии донишҷӯёни муассиса бо узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, барандаи ҷоизаи «Сухан», дорандаи медали «Хизмати шоиста» Хосият Вализода баргузор гардид. Хосият Вализода барои иштирокчиёни вохӯрӣ аз шеърҳои худ қироат намуд. Ҳамчунин, донишҷӯён низ аз ашъори шоира дар васфи ватандӯстӣ, сулҳу ваҳдат шеърҳо қироат намуданд. Аҳли иштирокчиён аз ин вохӯрии шеъру сухани воло як ҷаҳон ғизои маънавӣ гирифтанд. Дар охири вохӯрӣ аз тарафи роҳбарияти коллеҷ ба шоира сипоснома тақдим карда шуд.

**“Дармонбахш”**



# МОДАР ФАРИШТАИ РӮИ ЗАМИН

Модар чӣ калимаи зебост, бо шунидани ин калима бӯи меҳру садоқат, лутфи поку латофат меояд. Дар симои модар фариштаеро пеши назар меорем, ки бо ҳусни зебоӣ, меҳру муҳаббат, садоқату самимият, одоби ҳамида ва дили шафқатбораш таскинбахши дили ҳар яки мо мешавад. Беҳуда нагуфтаанд, ки «Модар фаришта буд,фақат болу пар надошт» гарчанде модар болу пар надошта бошад ҳам аз шоҳин ҳам баландпарвоз аз уқоб ҳам зудҳаракат аст. Метавонад бо парвози беболу параш ҳамеша аз аҳволи фарзандонаш бохабар буда, бо дуои некаш авлодонашро аз мушкилиҳо эмин дорад. Модар дуогӯи ҷони хеш, наҷотбахшу тарбиятгар, ғамхору маслиҳачии ҳар яки мост.

Иффату зебоӣ, фурутаниву маърифатнокӣ хоси зан аст, ки ба зиндагии мард ва аҳли хонадон тароввату покизагӣ мебахшад. Аз ин рӯ, аз оғози таърих то ба имрӯз мардуми мо ба маърифатнокшавии зан аҳамияти хоса дода, кушидааст, ки занон дар ҷомеа пешоҳанг бошанд. Дар зиндагӣ пешоҳанг будани зан ва маърифатнок буданаш имкон медиҳад, ки сатҳи маънавии оила баланд шуда, кӯдакон маърифатнок тарбият ёбанд. Маърифати зан ба фарзандон ва оила таъсири амиқ мерасонад. Агар модар боиффат, бомаърифат ва донишманд бошад, фарзандон низ майл ба донишу маърифат карда, хислатҳои неки модарро дар худ парвариш медиҳанд ва ба модарашон пайравӣ мекунанд




Бузургии зан-модар пеш аз ҳама дар он таҷассум меёбад, ки ӯ чароғи хонадон, идомадиҳандаи насл буда, арзандаи эҳтирому дӯстдоштанист.

Модар дили бузург, иродаи қавӣ, лафзи ширин дошта, бо сурудани аллаи ширадораш тифлашро аз хурдӣ бо умеду орзу тарбия мекунад.

Қавиirodaгии зан-модар аст, ки бо заҳмату дилсӯзиаш майл ба тарбияи фарзанд дошта, ҳеҷ аз сипари гаштани умри ҷавонаш, аз сафед шудани муйҳои парпечони сиёҳаш хабар намеёбад, бо пир гаштанаш боварaш намеояд, ҳамеша худро дар назди фарзандон боҷуръату қавиирода нишон медиҳад.

Ин масъулияти бузург модарону бонувони моро водор месозад, ки дар баробари нигоҳубину парасторӣ ва камолоти ҷисмонии фарзандон онҳоро дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ҳисси баланди миллӣ тарбия намоянд.

Мо фарзандон аз даргоҳи худованди бузург талаб мекунем ва дуогӯи он ҳастем, ки ҳамеша модарон сиҳату дарозумр бошанд, хушбахтиҳои зиндагӣ, зебогию ширинҳои умр насибашон гардад, ҳеҷ ба ғаму андӯҳ рӯбарӯ нашаванд. Зеро «Модар фариштаи рӯи замин ҳаст»

**Сайлонбӣ ДАВЛАТОВА,**
**мудири шӯъбаи методии «Коллеҷи тиббии ш. Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз»**

**Зан ҳамчун шахси фарҳангсозу тарбияткунанда агар худ аз воқеияти ҳаёт ва ҷомеа огоҳу бохабар бошад, фарзандон, аҳли оила ва пайвандони худро тарзе тарбият мекунад, ки онҳо ба самти ҷомеаи пешрафта қадам ниҳанд.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

# МАҚОМИ ЗАН ДАР ҶОМЕА

Зан модарро сарчашмаи ҳаёт мегӯем ва боз ӯ чандин ташбеҳи дигарро арзанда аст. Бунёди одамӣ аз ҳазрати Одам алайҳи салому момо Ҳаво сарчашма гирифта, то ба имрӯзу то ба вақти одам ҳасту олам ҳаст бо будани зан модар пайвастагӣ дорад. То ба ҳадде, ки ислом мақоми занро аз ҳама боло нишон додаст. Беҳуда нагуфтаанд:

**Ҷаннат, ки ризогӣ мо дар он аст,**
**Дар зери қудуми модарон аст.**

Дар тарбияи шахсиятҳои шинохта модарон нақши бештар бозидаанд.Намунаи он, дар тарбияи Қаҳрамони Халқи тоҷик Бобоҷон Ғафуров модари бузуругворашон Розия Озод, ки шеър менавиштанд саҳми калоне дорад.

Ҳатто Саодат Хоҷаева бонуи маҷрӯҳ, ки тариқи ВАО муарифи шуд ва Пешвои миллат низ дар Паёми соли гузаштаи худ дар бораи ӯ ишора карда буданд. Саодат дар набарди зиндагӣ таслим нашуда, бо пойҳову ҳамагӣ як дасти то оринҷдоштаи боз носолим корҳое карда, ки ҳама ба ӯ аҳсанд хонданд.

Ду фарзандашро калон карда, либоси онҳоро шуста, барои онҳо бо чунин аҳвол хӯрок пухт. Ҳатто замин каланд намудаву нарм карда, зиндагии аҳли оилаашро пеш бурд.

Зан – вакили парлумон, олим, муҳандис, рӯзноманигор, омӯзгор, табиб, роҳбари хоҷагӣ. Зан – вазир, раиси ноҳия, додситон, додрас, раиси ҷамоат. Мақоме, ки зани тоҷик дар даврони соҳибистиқлолӣ соҳиб гашт дар даврони собиқ ҳукумати шӯравӣ чунин мақомро соҳиб набуд.

Исботи ин гуфтаҳоро мо дар оморҳои овардаи Паёми имсол доиршудаи Пешвои миллат дида метавонем. Масалан, ба ҳолати якуми январи соли 2021 аз шумораи умумии 19210 нафар хизматчиёни давлатӣ 4485 нафар ё 23,4 фоизро занон ташкил медиҳанд. Саҳми занон дар рушди соҳаҳои илму маориф ва тандурустии мамлакат торафт афзуда истодааст. Имрӯз дар соҳаи маорифи кишвар 73 фоиз ва тандурустиву ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ қариб 68 фоизро занону бонувон ташкил медиҳанд.

Фаъолияти бонувон дар соҳаи кишоварзӣ ва рушди иқтисодиёти кишвар низ назаррас буда, ҳоло шумораи роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ аз ҳисоби занон 35600 нафар ва занони соҳибкор 77400 нафарро ташкил медиҳад.

Занон дар ҷомеа пешсаф буданд ва ҳастанд, зани бе маърифат ҳеҷ вақт пешсаф пешоҳанг буда наметавонад. Маҳз бо маърифатнок будани зан оилаи солимро тарбия карда, ба ҷомеа пешкаш мекунад. Пушида нест ин талабот бомаърифатии оиларо ташкил мекунад.

Бонувони далеру ҷасури тоҷик дар таърих баробари мардон борҳо корнамоӣ карда, шуҷоати худро нишон доданд. Корнамоиҳои Малика Томирис, Рухшонаву ҷонфидоиҳои Гурдофарид ва ватандӯстии Ойгул Муҳаммадҷоновaро дар давраи ҶБВ ҳама хондаанд. Бонувони шуҷои тоҷик дар ҳар даврае ҷой ва мақоми худро доштанд ва доранд. Зебунисо Рустамоваи камонвар ва Мавзуна Чориева чемпиони олимпӣ нахустбонуи муштзани тоҷикро имрӯз ҳама медонанд. Ҳеродот беҳуда нагуфтааст: «Зан паҳлавоне аст, ки далертарин мардонро дар сахттарин ҳолати хашм ором мекунад».

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳо ва паёмҳои ҳарсолаашон ба масъалаи баланд бардоштани мавқеи зан дар ҷомеа диққати ҳамагонро ҷалб месозанд. Аз ҷумла он кас дар Паёми имсолаашон низ қайд карданд: «Ҳукумати мамлакат ташаббусҳои занону бонувони кишварро минбаъд низ дастгирӣ карда, ба хотири ҷалби бештари онҳо ба вазифаҳои роҳбарикунанда тадбирҳои иловагиро амалӣ мегардонад.



Бо ин мақсад, ба Кумитаи кор бо занон ва оила супориш дода мешавад, ки лоиҳаи қарори Ҳукумати мамлакатро дар бораи «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2030» ва нақшаи амалисозии онро барои солҳои 2021 – 2025 таҳия ва пешниҳод намояд».

Занон дар ҷомеаи Тоҷикистон зиёда аз 50 фоизи аҳолиро ташкил карда, дар пешрафти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи мамлакат нақши муассир мебозанд.

Талабот ва фаъолияти занон дар корҳои давлатӣ дар замони ҳозира бештар аст. Дар муассисаҳои тиббӣ, давлатӣ ва хидмати давлатӣ, соҳибкорӣ зиёдтар ҷалб кардани бонувон ба кор пурманфиат арзёбӣ мешавад.

**Парвина НОРБУТАЕВА,**
**омӯзгори кафедраи Забонҳои хориҷии МДТ КТК ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз**

# МАВЛУДАТОН МУБОРАК!

Маъмурият, ҳайати омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз ва аҳли эҷоди рӯзномаи «Дармонбахш» ба омӯзгорон:

1. **МАДИЕВ АМИРХОН,02.04.1952,** муаллими фанни анатомия;
2. **РАФИЕВ НЕЪМАТУЛЛО,05.04.1983,** муаллими фанни таърихи халқи тоҷик;
3. **ХОҶАЕВА РУХШОНА, 09.04.1983,** муаллимаи фанни кори ҳамширагӣ;
4. **ФАТУЛОЕВА ШОҲИНА, 10.04.1986,** муаллимаи кори ҳамширагӣ;
5. **КАРИМОВА МАҲБУБА, 14.04.1992,** муаллимаи фанни назарияи иқтисодӣ;
6. **МАҶИДОВ БОБОХОН, 18.04.1947,** муаллими фанни фармакология;
7. **ОДИНАЕВ ҶАМШЕД, 22.04.1983,** муаллими фанни анатомия ва физиология;
8. **САЛИМОВ ҶУМАХОН,23.04.1959,** муаллими фанни забони тоҷикӣ;
9. **ҚУРБОНОВА НОЗИРАМОҲ, 28.04.1961,** муаллимаи кори ҳамширагӣ;

ки дар моҳи апрел ҷашни мавлуд доранд ба соҳибҷашнҳо дуои бардавоми умр ва барору муваффақиятҳоро аз даргоҳи Худованди сахиву бахшоянда хоста, аз номи шоир баҳрашон гуфтанием:

**Хоҳем мисли Саъдӣ,**
**сад сол умр бубинед,**
**Аз домани умедатон,**
**гулдастаҳо бичинед,**
**Шуморо орзу дорем**
**давлату ганҷ,**
**Бубинед сад сол умр,**
**бе дарду бе ранҷ**
**Шумо бахти модареду**
**бахтиёред,**
**Падарро такягоҳ дар**
**рӯзгоред.**
**Зи шумо дорад ҳама**
**умедворӣ,**
**Чу номатон дар ҷаҳон**
**шодӣ биёред.**

Бигузор барои амалӣ намудани нақшаҳои беохиру хоҳишҳояшон ҳамеша вақти кофиву имконият фароҳам бошад. Мавлудашонро мо муборакбод мегӯем.

**ЗОДРӮЗ МУБОРАК ОМӮЗГОРОН ВА КОРМАНДОНИ АЗИЗ!**